Лоиҳа

# ҚАРОРИ
# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Дар бораи Барномаи миёнамуҳлати амал оид ба амалисозии Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар солҳои 2024-2026

Мутобиқи моддаҳои 4 ва 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Барномаи миёнамуҳлати амал оид ба амалисозии Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар солҳои 2024-2026 ва Нақшаи амалисозии Барномаи миёнамуҳлати амал оид ба амалисозии Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар солҳои 2024-2026 тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба масъалаҳои идоракунии молияи давлатӣ иҷрои барномаи миёнамуҳлати амалро таҳти назорати доимӣ қарор диҳад.

3. Вазорату идораҳои дахлдор амалисозии барномаи миёнамуҳлати амалро таъмин карда, ҳар нимсола оид ба рафти иҷрои он ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

4. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти иҷрои барномаи миёнамуҳлати амал ҳамасола тибқи тартиби муқарраргардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ маълумот пешниҳод намояд.

Раиси<br>Ҳукумати Ҷумҳурии<br>Тоҷикистон

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз __ ______ соли 2024, №

Барномаи миёнамӯҳлати амал
оид ба амалисозии Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар солҳои 2024-2026

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Барномаи миёнамуҳлати амал оид ба амалисозии Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар солҳои 2024-2026 (минбаъд - Барнома) бо мақсади иҷрои банди 4 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2020, №1446 «Дар бораи тасдиқи Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» таҳия карда шудааст.

2. Ҳадафи асосии Барнома амалӣ намудани тадбирҳои мушаххас оид ба тақвияти унсурҳои заминавии ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла таҳкими маҷмӯии интизоми молиявӣ, иқтидори кадрӣ ва захиравии муассисаву идораҳои калидӣ ва таъмини алоқамандии афзалиятҳои миллӣ ва ислоҳотӣ бо буҷети давлатӣ, сифатнокии таҳия ва иҷрои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ, истифодаи босамари маблағҳои буҷетӣ, мукаммалгардонии ҳуҷҷатгузории марбут ба баҳисобгирии муҳосибӣ, иҷрои буҷети давлатӣ ва ҳисоботи молиявӣ, таъмини шаффофияти молиявӣ ва ҳисоботдиҳӣ, инчунин идоракунии хавфҳо дар бахши давлатӣ мебошад.

3. Чорабиниҳои дар Барнома пешбинишуда, ба таври лозима ба тартиб даровapда шуда, ба муҳлатҳои воқеъбинона асос ёфтаанд. Тадбирҳои пешниҳодшудаи ислоҳот бо тамоми ҷонибҳои манфиатдор мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба принсипҳои мутақобила ва татбиқи марҳилавӣ мутобиқи се марҳилаи асосии татбиқи ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ, ки дар Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян шудаанд, асос ёфтаанд. Марҳилаи дуюми ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ барои солҳои 2024-2026 тибқи Стратегия андешидани тадбирҳо барои ноил шудан ба устувории молиявӣ ва низоми идоракунии молиявии давлатиро дар бар мегирад.

4. Тамоми чорабиниҳо на танҳо ба афзалиятҳои миллие, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 инъикос ёфта мувофиқанд, инчунин ба дигар стратегияҳо ва барномаҳои мавзӯӣ, ки мустақиман ба низоми идоракунии молияи давлатӣ алоқаманданд, мувофиқат мекунанд. Намунаи чунин

ҳуҷҷатҳо Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026, Барномаи миёнамуҳлати идоракунии хавфҳои фискалии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026, Барномаи миёнамуҳлати даромадҳои давлатӣ барои солҳои 2024-2029 ва Харитаи роҳ оид ба татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар бахши давлатӣ барои солҳои 2020-2025 ва дигар ҳуҷҷатҳои сиёсӣ мебошанд. Нақшаи амалҳои миёнамӯҳлат инчунин ба натиҷаҳои ташхис ва арзёбии низоми идоракунии молияи давлатӣ, аз қабили Баҳодиҳии хароҷоти давлатӣ ва ҳисоботдиҳии молиявӣ, Шохис(индекс)-и шаффофияти буҷетӣ, Баҳодиҳии ташхиси маъмурикунонии андоз, Баҳодиҳии идоракунӣ ва самаранокии қарз, Баҳодиҳии хароҷоти давлатӣ ва ба арзёбиҳои дигари ташхисии низоми идоракунии молияи давлатӣ дар сатҳи миллӣ ва соҳавӣ асос ёфтааст.

## 2. МОНИТОРИНГ ВА БАҲОДИҲИИ РАВАНДИ ИҶРОИ БАРНОМА

5. Мониторинг ва арзёбии амалисозии татбиқи Барнома аз ҷониби Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба идоракунии молияи давлатӣ анҷом дода мешавад.

6. Вазифаҳои Котиботи Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба идоракунии молияи давлатӣ ба зиммаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шуда, аз ҷониби шуъба оид ба ислоҳоти ИМД-и Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

7. Шӯро ҷиҳати баррасии пешрафтҳо дар ҷараёни татбиқи ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ дар шаш моҳ як маротиба ҷаласа доир менамояд ва дар ҳолати зарурӣ оид ба чораҳои ислоҳӣ қарор қабул мекунад.

8. Вазорати молия ҳисоботи солонаро оид ба рафти иҷрои Барнома таҳия ва дар сомонаи худ интишор мекунад. Ҳисобот ҳар сол дар асоси маълумоти тибқи муҳлати муқараргардида аз ҷониби вазорату идораҳои масъул пешниҳодшуда, омода карда мешавад.

## 3. ШАРҲИ МУХТАСАР ОИД БА ИҶРОИ БАРНОМАИ МИЁНАМУҲЛАТИ АМАЛ ОИД БА АМАЛИСОЗИИ СТРАТЕГИЯИ ИДОРАКУНИИ МОЛИЯИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАВРАИ ТО СОЛИ 2030 ДАР СОЛҲОИ 2021-2023

9. Дар давраи аввали амалисозии Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 тадбирҳои андешидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амалишавии ҳадафҳои стратегии кишвар, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муайян шуда буданд, равона гардид.

10. Дар соҳаи идоракунии молияи давлатӣ ислоҳоти мушаххас роҳандозӣ гардида, ҳамоҳангсозии фаъолияти соҳаҳо ва истифодаи оқилонаи захираҳои дохилӣ аз рӯйи имконият ва иқтидорҳои мавҷуда таъмин карда шуд.

11. Бо мақсади ташаккули сифатноки нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ, пурра ба андозбандӣ фаро гирифтани субъектҳои андозбандӣ, дастгирии соҳибкорону сармоягузорон, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, дастгирию рушди бахши хусусӣ ва ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, ичнунин мутобиқ намудани муқаррароти қонунгузории андоз ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалию шароити имрӯзаи иқтисоди миллӣ, Кодекси андоз дар таҳрири нав қабул гардид.

12. Кодекси нави андоз, инчунин усулҳои мустақим ва ғайримустақими идоракунии хавфҳоро дар бар мегирад. Илова бар ин, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон феҳристи электронии хизматрасониҳои андозсупорандагонро васеъ намуда, воситаҳои ҷамъоварӣ ва дастрасии иттилоотро такмил дода, ҳамзамон равандҳои идоракунии хавфҳоро дар низоми иттилоотии идоракунии андоз татбиқ намудааст.

13. Бо қабули Кодекси андоз шароити мусоид ҷиҳати ҷалби бештари сармоягузории мустақим ва рушди соҳибкорӣ дар кишвар дар маҷмӯъ ба беҳтар гардидани рушди устувори иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд.

14. Бо мақсади афзоиш додани даромадҳои буҷети давлатӣ бо роҳи рақамикунонии низоми маъмурикунонии даромадҳои давлатӣ, васеъ намудани манбаъҳои иловагии даромади буҷет, беҳтар намудани маъмурикунонии пардохтҳои андозию гумрукӣ, иҷрои саривақтию сифатнок ва тақвият бахшидани раванди таҳияи дурнамои даромадҳо ва афзоиши даромадҳои буҷети давлатӣ аз ҷониби Вазорати молия дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи миёнамуҳлати даромадҳои давлатӣ барои солҳои 2024-2029» таҳия гардидааст.

15. Амалинамоии Барнома имкон медиҳад, ки барои расидан ба ҳадафҳои дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дарҷгардида, бахусус барои рушди маҷмӯии иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

16. Дар самти банақшагирии буҷетӣ бо мақсади такмил додани раванди банақшагирии ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва муқаррар намудани талаботи ягона нисбат ба низоми умумии банақшагирии стратегӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» 19-уми июли соли 2022-юм, №1894 қабул гардид.

17. Ҳадафи асосии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» ташаккули чорчӯбаи меъёрии ягонаю муназзами банизомдарорандаи низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатии рушд мебошад, ки тибқи он меъёрҳои зарурии идоракунии банақшагирии стратегӣ дар Қонуни мазкур муқаррар гардида, раванди банақшагирии стратегӣ аз давраи банақшагирию таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ то амалисозии онҳо ба низом даровarда мешаванд.

18. Дар баробари ин, бо мақсади ҷоннок намудани ҷараёни банақшагирии буҷетии ба натиҷа нигаронидашуда, амалисозии самарабахш ва пурраи барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ бо фармоиши вазири

молия аз 20-уми майи соли 2022-юм, №83 аз рӯйи ҳамаи соҳаҳои буҷетӣ Гурӯҳбандии барномавӣ дар таҳрири нав таҳия ва тасдиқ гардид.

19. Бо мақсади ҳавасмандгардонии ин раванд, инчунин ҷиҳати самарабахш ва мақсаднок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми декабри соли 2022-юм, №626 барои 5 вазорати таҷрибавӣ, аз ҷумла вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳанг, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, кишоварзӣ аз рӯйи 15 барнома нишондиҳандаҳои ғайримолиявӣ муайян карда шуда, корбарӣ ҷиҳати зиёд намудани шумораи вазорату идораҳо, ки ба чунин низоми банақшагирӣ фаро гирифта мешаванд, идома дорад.

20. Ҷиҳати сода ва шаффоф гардонидани амалиёти хазинадорӣ ва дар ин замина кам намудани омилҳои инсонӣ пардохти музди меҳнат, нафақа, идрорпулӣ ва хизматрасониҳои коммуналӣ дар ташкилоту муассисаҳои буҷетие, ки тавассути Сарраёсати хазинадории марказӣ хизматрасонӣ карда мешаванд, тавассути низоми иттилоотии банақшагирӣ ва иҷрои буҷети давлатӣ ба таври мустақилона, яъне бо тарзи электронӣ ба роҳ монда шуда, дар оянда амалиётҳои дигар низ аз рӯйи моддаҳои хароҷоти буҷетӣ пурра ба тарзи электронӣ гузаронида мешавад, ки ин ҳам заминаи низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ мебошад.

21. Дар баробари ин, ҷиҳати автоматикунонии амалиётҳои муҳосибӣ модулҳои низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ оид ба идоракунии маблағҳои пулӣ, идоракунии уҳдадориҳо ва дороиҳо таҳия карда шуда, дар серверҳои Вазорати молия ҷойгир карда шудааст.

22. Оид ба мутобиқ намудани коргузорӣ бо модулҳои идоракунии маблағҳои пулӣ, идоракунии уҳдадориҳо ва дороиҳо «Дастурамал оид ба иҷрои даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ ва таҳияи ҳисобот дар низоми хазинадорӣ» таҳия гардида, бо фармоиши Вазорати молия аз 27-уми апрели соли 2021-ум, №64 тасдиқ карда шуд.

23. Модули дар боло зикр шуда марҳила ба марҳила ба таври таҷрибавӣ дар 10 тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетӣ амалӣ карда мешавад ва айни замон корҳо вобаста ба ворид намудани маълумоти дахлдор ва пешбурди баҳисобгирии амалиётҳо доир ба гардиши дороиҳо ва уҳдадориҳо идома доранд.

24. Ҳамзамон, бо мақсади густариш додани ҳуҷҷатгузории электронӣ аз 1-уми январи соли 2023-юм қабули харҷномаҳои ягонаи даромад ва хароҷоти ташкилотҳои аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузоришаванда, бидуни таҳвили шакли қоғазии он пурра тариқи электронӣ ба роҳ монда шуд. Ҷиҳати ҷорӣ намудани низоми мазкур дар тамоми сатҳҳои буҷетӣ корбарӣ идома дорад.

25. Дар самти таъмини шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ дар доираи Стратегия тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси тадбирҳои иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии дахлдор бо мақсади таъмини шаффофияти маълумоти буҷетӣ ҳар семоҳа ҳисобот оид ба иҷрои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ, қарзи давлатӣ ва маълумоти дигари

вобаста ба ҷараёни банақшагирии буҷетӣ ба истисноии иттилооти дорои хусусияти махфидошта, дар сомонаи расмии Вазорати молия интишор карда мешавад.

26. Бо мақсади дастрасии аҳолӣ ба маълумоти буҷетӣ ва оммафаҳм намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам шакли соддакардаи он, яъне буҷети шаҳрвандӣ таҳия ва дар сомонаи Вазорати молия ҷойгир карда мешавад, ки ин барои беҳтар намудани мавқеи кишвар дар баҳогузориҳои созмонҳои байналмилалӣ мусоидат менамояд.

27. Ҷиҳати заминагузорӣ ба ҷорӣ намудани меъёрҳои ҳисоботи байналмилалии молиявӣ ва дар ин радиф тадриҷан беҳтар намудани мавқеи ҷумҳурӣ дар раддабандиҳои ҷаҳонӣ дар асоси розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал ҳисобот оид ба иҷрои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ба талаботи байналмилалӣ ва тавсияҳои Хазинаи Байналмилалии Асъор, аз ҷумла «Омори молияи давлатӣ 2014» дар сомонаи расмии Хазинаи мазкур ҷойгир карда шуд.

28. Айни замон Вазорат ҷиҳати мутобиқ намудани гурӯҳбандиҳои амалкунандаи буҷетӣ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ бо Хазинаи Байналмилаии Асъор ба роҳ монда шуда, дар доираи он ҷадвалҳои гузаришӣ оид ба гурӯҳбандии даромад ва хароҷот таҳия карда шудааст ва кор дар самти ворид намудани тағйирот ба гурӯҳбандии амалкунанда идома дорад.

29. Идоракунии қарзи давлатӣ дар доираи Стратегияи идоракунии қарзи давлатӣ ва тавсияҳои созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ вобаста ба андозаи қарзи давлатӣ нисбат ба Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ пурра риоя карда шуда, идоракунии қарз дар сатҳи бехавф қарор дода шуд.

30. Бо мақсади мукаммалнамоии минбаъдаи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати молия ба низоми муосири идоракунии қарз ва таҳлили молиявӣ гузаштааст. Дар ин самт чорабиниҳои омӯзишӣ барои кормандони дахлдор баргузор гардид.

31. Низоми идоракунии қарз ва таҳлил молиявӣ - имконият медиҳад, ки идоракунию таҳлили қарз ва ҳолати молиявиро дода, бо ташаббуси Конфренсияи савдо ва рушди Созмони Милали Муттаҳид таҳия карда шуда, барои бақайдгирӣ, идоракунии хавфҳо, баҳодиҳӣ, ҳисоботдиҳӣ, назорат ва таҳлили қарзи беруна ва дохилӣ, қарзҳои хусусӣ, грантҳо ва субкредитҳо (зерқарзӣ) пешбинӣ гардидааст.

32. Бо мақсади раванди мониторинги фаъолияти корхонаҳои азими давлатӣ, коҳиш додани хавфҳои фискалии ин корхонаҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи миёнамуҳлат барои 2023-2027 оид ба идоракунии хавфҳои фискалии корхонаҳои азими давлатӣ ва ҷамъиятҳое, ки саҳмияи онҳо ба давлат тааллуқ доранд» ва Нақшаи амали он қабул ва тасдиқ гардид.

33. Татбиқи саривақтии он барои беҳтар намудани низоми идоракунии хавфҳои корхонаҳои давлатӣ, гузаштани корхонаҳои азими давлатӣ ба Стандартҳои Байналмилалии Ҳисоботи Молиявӣ, пешниҳоди хулосаи аудити ҳатмии беруна, ҷорӣ намудани шакли идоракунии

коорпаративӣ бо таъсис додани Шӯрои нозирон, коҳиш ва кам намудани уҳдадориҳои молиявӣ, мустаҳкам намудани базаи ҳуқуқӣ ҷиҳати шаффоф пешниҳод намудани ҳисоботҳои молиявӣ дар ин замина ҷалби маблағҳои сармоягузорӣ мусоидат хоҳад намуд.

34. Бо мақсади ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ, омӯзиши таҷрибаи давлатҳои дигар дар самти идоракунии молияи давлатӣ, истифодаи унсурҳои муосир дар низоми молияи давлатӣ Вазорати молия ҳамкориҳоро бо шарикони рушд ва давлатҳои алоҳида ба роҳ мондааст.

35. Аз ҷумла, то ин ҷониб Созишнома оид ба расонидани дастгирии илмию методӣ ва кумаки техникӣ байни Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Федератсияи Россия, Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Вазорати молияи Ҷумҳурии Узбекистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Созишномаҳои ҳамкории дуҷонибаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Қазоқистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Беларус ба имзо расонида шуд.

36. Дар доираи санадҳои болозикр семинарҳои омӯзишӣ дар самтҳои беҳтарнамоии механизмҳои маъмурикунонии андоз, дурнамосозии даромадҳо, банақшагирии стратегӣ, идоракунии қарзи давлатӣ, рушди бозори коғазҳои қимматноки давлатӣ, унсурҳои воситаҳои андозӣ барои ҳавасмандгардонии саноатикунонии босуръати иқтисодиёт ва масъалаҳои дигари марбут ба татбиқи сиёсати фискалӣ баргузор гардид.

37. Инчунин, бо мақсади ҷалби кумаки техникӣ ҷиҳати амалишавии самтҳои алоҳидаи Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳамкорӣ бо шарикони рушд, аз ҷумла Бонки Умумиҷаҳонӣ, Хазинаи Байналмилалии Асъор, Бонки Осиёии Рушд, Иттиҳоди Аврупо, Котиботи Швейтсария оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фонди Аврусоиёии Муътадилгардонӣ ва Рушд, сохторҳои Созмони Миллалӣ Муттаҳид ва дигари созмонҳои мунтазам ба роҳ монда шудааст.

38. Дар баробари корҳои анҷомдодашуда дар марҳилаи аввали амалишавии Стратегия, ба ҳолати имрӯза иҷрои як қатор чорабиниҳо пурра татбиқ нагардида, амалишавии онҳо дар солҳои 2024-2026» ба нақша гирифта шудааст.

## 4. МАБЛАҒГУЗОРИИ БАРНОМА

39. Маблағгузории Барномаи миёнамӯҳлати амал дар доираи маблағҳои дар буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида, маблағҳои ҷалбгардида аз ҳисоби шарикони рушд барои амалигардонии ислоҳот дар соҳаи идоракунии молияи давлатӣ ва буҷетикунонӣ, инчунин сарчашмаҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, амалӣ карда мешавад.

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз __ ______ соли 2024, №

Нақшаи амалисозии
Барномаи миёнамуҳлати амал оид ба амалисозии Стратегияи идоракунии молияи давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар солҳои 2024-2026

| № р/т | Номгӯйи чорабиниҳо | Натиҷаи пешбинишуда (кӯтоҳмуддат) | Индикатори натиҷабахшӣ | Муҳлати иҷро | Идораҳои масъул |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. ТАДБИРҲО ОИД БА УСТУВОРИИ МАКРОФИСКАЛӢ ВА РУШДИ ДАРОМАДҲОИ ДАВЛАТӢ | | | | | |
| §1 Ислоҳот дар самти банақшагирии стратегӣ | | | | | |
| 1. Ворид намудани тағйирот ба заминаи меъёрию ҳуққии амалкунанда ва қонунгузории миллӣ бо мақсади фаъолгардонӣ ва ҳамоҳангсозии ислоҳоти бахши давлатӣ, аз ҷумла ислоҳот дар соҳаи идоракунии молияи давлатӣ | | | | | |
| 1. | Таъсис ва нигоҳдории Шуъба оид ба ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ (қаблан ҳамчун котиботи идоракунии молияи давлатӣ)- и назди Вазорати молия тибқи талаботи санадҳои миъёрию ҳуқуқӣ , бо мақсади назорати татбиқи ислоҳот ва ҳамоҳангсозии фаъолият дар соҳаи идоракунии молияи давлатӣ бо ҷонибҳои манфиатдор | Котиботи идоракунии молияи давлатӣ таъсис дода шуд ва пурра кор мекунад | Тақвияти банақшагирии стратегӣ ва раванди ислоҳот дар бахши давлатӣ | 2024 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дигари дахлдор |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 2.Баланд бардоштани сифати нақшаҳои стратегии таҳиянамудаи вазоратҳои соҳавӣ (яъне тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ), бо нишон додани хароҷоти татбиқи онҳо | | | | | |
| 2. | Таҳия (ва ё бозбинӣ) ва тасдиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии дахлдор[1], ки баҳодиҳии маблағгузории татбиқи стратегияҳо ва барномаҳои давлатиро бо талаботи ҳатмии пайвастани эҳтиёҷоти арзёбишаванда ба маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ, мутобиқи принсипҳои буҷетӣ дар асоси сиёсат пешбинӣ мекунанд | Санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор аз нав дида баромада ва ё тасдиқ карда шуданд | Мақомоти ҳокимияти давлатӣ методологияи ягонаи банақшагирии стратегиро дар бахши давлатӣ татбиқ мекунанд | 2025-2026 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷрои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 3. | Баланд бардоштани иқтидори кадрии вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар самти дурнамосозии макроиқтисодӣ тавассути расонидани кумаки методӣ | Семинарҳои омӯзишӣ ва кумаки методӣ дар самтҳои дурнамосозии макроиқтисодӣ гузаронида шуд | Иқтидори кадрии вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мукам гардид | 2024-2026 | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ |
| §2. Тадбирҳо оид ба устувории чаҳорчӯбаи макрофискалӣ | | | | | |
| 4. | Мутобиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ ба чаҳорчӯбаи миёнамӯҳлати макрофискалӣ дар раванди таҳияи буҷети давлатӣ ворид намудани ҳадди ниҳоии хароҷот барои тақсимкунандагони асосии | Ҳадди ниҳоии хароҷот барои тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетии калидии соҳавӣ ба чаҳорчӯбаи | Чаҳорчӯбаи миёнамӯҳлати макрофискалӣ ҳадди ниҳоии хароҷотро бо гуруҳбандии | 2024 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |

[1] Барои мисол, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2018, №615 «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | маблағҳои буҷетӣ (вазорату идораҳои калидии соҳавӣ) | миёнамӯҳлати макрофискалӣ дохил карда шудааст. | вазифавии буҷет, гуруҳбандии иқтисодии буҷет ва идоравӣ дар бар мегирад | | |
| §3. Тадбирхо дар сохаи дурнамои даромадҳои давлатӣ | | | | | |
| 3.Таҳияи методологияи дахлдори арзёбии таъсири тадбирҳо ва ислоҳот (аз ҷумла, механизми ҳисобкунии самаранокии пешниҳоди имтиёзҳо ба соҳибкорон) | | | | | |
| 5. | Таҳия ва тасдиқи методологияи баҳодиҳии таъсири тадбирҳо ва ислоҳот ба даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ (аз ҷумла аз ҳисоби додани имтиёзҳо ба соҳибкорон) | Методологияи баҳодиҳии таъсири танзимкунандагон ба нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ таҳия ва тасдиқ карда шудааст | Сифати ташаккули дурнамои даромадҳои давлатӣ дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтар гардид | 2025-2026 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 4. Беҳтар намудани раванди таҳияи лоиҳаи нишондиҳандаҳои даромади буҷети давлатӣ | | | | | |
| 6. | Омӯзиши таҷрибаи муосири байналмилалӣ ҷиҳати такмили низоми дурнамосозии даромади буҷети давлатӣ | Чорабиниҳои омӯзишӣ барои кормандони масъули Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расонида шуда, таҷрибаи байналмилаллиро омӯхтанд. | Сифатнокии ташаккули дурнамои даромадҳои давлатӣ дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтар гардид. | 2024-2025 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 7. | Таҳияи модели таҳлилии таъсири ислоҳот (ва чораҳои сиёсӣ) ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва даромадҳои буҷети давлатӣ | Модели таҳлилӣ таҳия ва татбиқ карда мешавад | Фарқи байни нишондиҳандаҳои нақшавӣ ва воқеии даромади буҷети давлатӣ аз 10 фоиз зиёд нест | 2025 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 8. | Тасдиқ ва амалигардонии нақшаи амали солҳои 2024-2026-барои Барномаи миёнамуҳлати даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2024-2029 | Нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2024-2026 тасдиқ ва ба амал бароварда шуд | | 2024-2026 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дигари дахлдор |
| 5.Таҳлили мунтазами иҷрои буҷети давлатӣ ва таъмини дастрасӣ ба ин маълумот | | | | | |
| 9. | Гузаронидани таҳлили даромадҳои буҷети давлатӣ ва дохил намудани ин маълумот ба хисоботи давравӣ ва солона оид ба иҷрои бучети давлатӣ, ки аз ҷониби Вазорати молия нашр карда мешавад | Таҳлили даромадҳои буҷети давлатӣ ба хисобот оид ба иҷрои буҷети давлатӣ дохил карда шуд | Сифати ташаккули дурнамои даромадҳои давлатӣ дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистонбеҳтар гардид | 2024 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **2. ТАДБИРҲО ОИД БА БАНАҚШАГИРИИ ХАРОҶОТИ ДАВЛАТӢ** | | | | | |
| §4. Тадбирҳо оид ба идоракунии қарзи давлатӣ | | | | | |
| 6. Модернизатсияи система ва амалияи идоракунии қарзи давлатӣ | | | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 10. | Таҳия ва тасдиқи методологияи баҳодиҳӣ ва таҳлили хавфҳои қарзӣ (ва усулҳои ҳисоб кардани ҳаққи кафолат) ҳангоми баррасии қарзҳои нав ва кафолатҳои давлатӣ[2] | Методологияи баҳодиҳӣ ва таҳлили хавфҳои қарзӣ таҳия ва тасдиқ карда шудааст | Беҳтарсозии низоми идоракунии қарзи давлатӣ | 2024-2025 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 11. | Татбиқи Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026 ва таҷдиди солонаи он дар доираи таҳияи буҷети миёнамӯҳлат мутобиқи таҷрибаи байналмилалӣ | Стратегияи идоракунии қарзи давлатӣ бо дарназардошти таҷдиди солонаи он мутобиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ татбиқ карда шуд. | Ҳаҷми қарзи давлатӣ аз 60 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ зиёд нест | 2024-2026 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 12. | Бозбинӣ ва дар таҳрири нав таҳия намудани заминаи меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи идоракунии коғазҳои қиматноки давлатӣ мувофиқи тавсияҳои охирини Баҳодиҳии идоракунӣ ва самаранокии қарз | Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи идоракунии қоғазҳои қиматноки давлатӣ бозбинӣ ва ё нав карда мешаванд | Хизматрасонии қарзи беруна (пардохти фоизҳо ва қарзи асосӣ) аз 15 фоизи даромадҳои андозии буҷети давлатӣ зиёд нест | 2024-2026 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон,Бонки миллии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии қоғазҳои қиматнок ва бақайдгирии |

[2] Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзи давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда», ки санаи 24 декабри соли 2022 № 1923 дар таҳрири нав тасдиқ шудааст.

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | махсуси Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 13. | Татбиқи пурра ва ҳамгироии низоми идоракунии қарз ва таҳлили молиявӣ бо низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ, ки бо санадҳои меъёрии дахлдор ва супоришҳои техникӣ тасдиқ карда мешавад | Низоми идоракунии қарз ва таҳлили молиявӣ пурра татбиқ ва бо низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ ҳамгироӣ карда шудааст | | 2024-2026 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 14. | Таҳия ва тасдиқи методологияи таҳлили устувории қарз мутобиқи таҷрибаи байналмилалӣ | Методологияи таҳлили устувории қарз таҳия ва тасдиқ карда шуд. | | 2026 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон |
| 15. | Бозбинии заминаи меъёрию ҳуқуқӣ бо мақсади дар бар гирифтани муқаррарот дар бораи он, ки чигуна субъектҳои бахши ғайримолиявии давлатӣ бояд дар бораи фаъолияти қарзии худ (аз ҷумла кафолатнок) гузориш диҳанд | Санади меъёрию ҳуқуқии дахлдор бозбинӣ ва тасдиқ карда шуданд | | 2025-2026 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| §5. Тадбирҳо оид ба амалӣ гардондани барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ | | | | | |
| 7.Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади таъмини таҷрибаи мувофиқи банақшагирии миёнамуҳлат ва буҷетикунонӣ | | | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 16. | Тағйиру иловаҳо ба заминаи меъёрию ҳуқуқӣ бо мақсади ворид намудани ҳадди ниҳоии хароҷоти пешакии соҳа ба Дастурамалҳо оид ба марҳилаи якуми раванди таҳияи буҷети давлатӣ ва ҳадди ниҳоии хароҷоти тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ дар Дастурамал оид ба марҳилаи дуюми раванди таҳияи буҷет мутобиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ | Санади меъёрию ҳуқуқии дахлдор бозбинӣ ва тасдиқ карда шуданд | Алоқамандии беҳтари тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ бо равиши Барномаи миёнамӯҳлати хароҷоти давлатӣ . | 2024-2025 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 17. | Ба самтҳои асосии сиёсати андозию буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон (яъне дар стратегияи фискалӣ) ворид намудани шарҳи тафовути назаррас байни пешгӯиҳои ибтидоӣ ва таҷдидшуда (нав)-и макрофискалӣ ва нишондиҳандаҳои буҷетӣ барои давраи миёнамӯҳлат мутобиқи таҷрибаи байналмилалӣ | Ҳуҷҷати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Самтхои асосии сиёсати андозию буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз нав дида баромада ва тасдиқ карда шуд. | Мавҷудияти стратегияи ҳар сол таҷдидшудаи стратегияи фискалии давлат, ки ба таҷрибаи ҷаҳонӣ мувофиқ аст | 2024-2026 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 8. Самаранок ва пурра амалӣ намудани Барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ дар бахши давлатӣ | | | | | |
| 18. | Таҳия ва тасдиқи харитаи роҳ (ё нақшаи чорабиниҳо) оид ба амалисозии Барномаи миёнамӯҳлати хароҷоти давлатӣ дар сатҳи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (яъне буҷетҳои маҳаллӣ) | Накшаи чорабинихо оид ба амалй гардондани Барномаи миёнамӯҳлати хароҷоти давлатӣ | Барномаи миёнамӯҳлати хароҷоти давлатӣ пурра иҷро шуда, тамоми буҷети | 2026 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои соҳавӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | таҳия ва тасдик карда шуд | давлатиро фаро мегирад | | |
| 19. | Додани ваколат ба тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетии калидии соҳавӣ аз рӯи вазифаи муттаҳидсозии буҷетҳои бахши онҳо ва таҳияи ҳисоботи мунтазам дар бораи иҷрои буҷетҳои бахшҳои дахлдор | Ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии дахлдор бозбинӣ ва тасдиқ карда шуданд | Алоқамандии беҳтари тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ бо равиши Барномаи миёнамӯҳлати хароҷоти давлатӣ. | 2025-2026 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| §6. Тадбирҳо оид ба буҷетикунонии барномавӣ | | | | | |
| 20. | Марҳила ба марҳила таҳия ва тасдиқи гурӯҳбандии барномавии буҷетӣ барои ҳамаи тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ ва соҳаҳо дар сатҳи буҷети ҷумҳуриявӣ | Гурӯҳбандии барномавии буҷетӣ бозбинӣ ва тасдиқ карда шуд | Тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ буҷетҳои худро пурра назорат мекунад ва гурӯҳбандии барномавиро истифода мебарад | 2024-2026 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои соҳавӣ |
| 21. | Таҳия ва тасдиқи харитаи роҳ (ё нақшаи чорабиниҳо) оид ба татбиқи буҷетикунонии барномавӣ дар сатҳи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (яъне буҷетҳои маҳаллӣ) | Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи буҷетикунонии барномавӣ таҳия ва тасдиқ карда шуд | Истифодаи гуруҳбандии барномавӣ ва принсипҳои буҷетикунонии барномавӣ дар низоми буҷети | 2026 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ |
| 22. | Таҳия ва тасдиқи методология ва дастурҳо оид ба: | Методология ва дастурҳои дахлдор | | 2024-2026 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | - муайян кардани нишондиҳандаҳои ғайримолиявии буҷетикунонии барномавӣ барои ТАМБ/соҳаҳои таҷрибавӣ;<br>- мониторинги барномаҳои буҷетӣ ва шаклҳои ҳисобот | таҳия ва тасдиқ карда шуданд | Ҷумҳурии Тоҷикистон сифатан такмил ва васеъ гардид. | | вазорату идораҳои соҳавӣ |
| 23. | Ҳамгироии гурӯҳбандии барномавӣ ва барномаҳои буҷетӣ (нишондиҳандаҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ) дар низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ. | Нишондиҳандаҳои гурӯҳбандии барномавӣ ба низоми хазинадории низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ дохил карда шудаанд | | 2024-2026 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои соҳавӣ |
| §7. Тадбирҳо оид ба ғайримарказонидани фискалӣ | | | | | |
| 9. Ворид намудани тағйирот ба қонунгузории амалкунанда ҷиҳати сифатан беҳтар намудани муносибатҳои байнибуҷетӣ, аз ҷумла ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» | | | | | |
